# ТАҚРИЗИ

**ба автореферати диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Таҳқиқоти диссертатсионии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро масъалаи ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони аз салоҳиятҳои асосии шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш  ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Рустамзода Сӯҳроб “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳақиқ  шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумиро мавриди таҳлили  илмӣ  қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар якчанд ҷанбаҳои калидӣ таҷассум меёбад:

1) Муайян намудани робитаи байниҳамдигарии унсурҳои сохтори арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ ва асоснокунии ҳар як ҷузъи он. Ин имкон медиҳад, ки тасаввуроти ҳамаҷониба дар бораи арзишҳои мазкур ба даст оварда шавад ва раванди ташаккули онҳо дар байни наврасон самаранoктар ташкил карда шавад.

2) Асоснокунии аҳамияти истифодаи равишҳои фарҳангшиносӣ ва фаъолиятӣ. Таъкид шудааст, ки арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ бояд дар заминаи фарҳанги миллӣ ва фаъолияти амалии хонандагон ташаккул ёбанд, ки ин ба мушаххас ва пурмуҳтаво гардидани раванди таълим мусоидат мекунад.

3) Аниқ гардонидани моҳияти илмии равиши аксиологӣ. Ин имкон медиҳад, ки нақши арзишҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон дарк карда шуда, раванди таълим ба таври огоҳона ва мақсаднок ташкил карда шавад.

4) Таҳия ва тасвиби амсилаи ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ. Ин амсила ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои ташкили раванди таълим хизмат мекунад ва имкон медиҳад, ки усулҳои самараноки таълим истифода шаванд.

5) Тарҳрезии муҳтавои раванди таълиму тарбия. Мундариҷаи таълим бояд ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ нигаронида шуда, ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва шароити муосири ҷомеа мувофиқ бошад.

6) Муайян намудани самтҳои фаъолияти омӯзгор. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгорон фаъолияти худро ба таври муташаккилона ва мақсаднок ташкил намуда, барои ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагон шароити мусоид фароҳам оваранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагон дар раванди дарсҳои таърихи умумиро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагонро дар дарсҳои таърихи умумӣ муайян кардааст, самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагонро аз тариқи озмоиш тасвибу собит кардааст, шароитҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, роҳу усулҳои истифодаи усули анъанавӣ ва интерактивиро дар таълим ва аҳамияти он дар ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагон мавриди азёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсилаи ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагон, ки муаллиф коркард ва дар асоси озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, пешниҳод кардааст, ба тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ дар хонандагон мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Рустамзода Сӯҳробро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент,
декани факултети психологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Саидзода Низомиддин

28.08.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 15; Тел: +992 (909) 88 10 55; E-mail: s.nizomiddin@mail.ru.

*Имзои Саидзода Низомиддинро тасдиқ мекунам.*

*Сардори ШК ва КМ*
*ДДОТ ба номи С. Айнӣ* *Мустафозода А.*